# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

## Week 7: Political Independence and Political Symbols

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 7: Истиқлолияти сиёсӣ ва Рамзҳои сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Мафҳум ва моҳияти истиқлолияти сиёсӣ
2. Аломатҳо ва нишонаҳои истиқлолияти сиёсӣ
3. Рамзҳои сиёсӣ
4. Рамз ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ-маданӣ
5. Рамз ва нишонаҳои  давлатии Тоҷикистон

# 1. Мафҳум ва моҳияти истиқлолияти сиёсӣ

Дар таърихи афкори сиёсӣ андешаҳо дар мавриди хислат, мазмун, таркиб ва хусусиятҳои истиқлолият гуногунанд. Аммо ҷиҳатҳои умумие вуҷуд доранд, ки таълимоти донишмандонро ба ҳам наздик менамоянд. Аксари онҳо истиқлолияти кишварро дар ду навъи асосӣ: Истиқлолияти дохилӣ ва истиқлолияти хориҷӣ тасниф намудаанд.

а. Ба истиқлолияти дохилӣ ғояҳои халқ, конститутсия, қонун, парламент ва ғайраҳоро мансуб медонистанд. Яъне, мавҷудияти чунин институтҳои ҷамъиятию сиёсиро шарти зарурии воқеияти истиқлолият медонистанд.

б. Ба сифати шарти зарурии истиқлолияти хориҷии кишвар ҳуқуқи комили давлатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Дар ҷаҳони муосир, истиқлолияти сиёсӣ на танҳо рамзи озодӣ, балки шарти зарурии суботи давлатӣ, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ мебошад. Бе истиқлолияти сиёсӣ давлат наметавонад сиёсати худро мустақилона идора намояд, зеро вобастагӣ аз дигарон маънои маҳдуд шудани иродаи миллӣ мебошад.

**Истиқлолияти сиёсӣ** — қобилияти давлат барои ба таври мустақилона муайян ва татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Он дорои ду ҷанба аст: мустақилияти дохилӣ ва мустақилияти хориҷӣ. Мустақилияти дохилӣ ба он ишора мекунад, ки давлат дар дохили ҳудуди худ ҳокимияти олиро амалӣ менамояд ва аз дигар субъектҳои хориҷӣ вобаста нест. Мустақилияти хориҷӣ бошад, нишон медиҳад, ки давлат сиёсати хориҷии худро мувофиқи манфиатҳои миллии худ пеш мебарад.

# 2. Аломатҳо ва нишонаҳои истиқлолияти сиёсӣ

Барои он ки давлат соҳибистиқлол шуморида шавад, бояд дорои нишонаҳои муайян бошад:

а. Ҳокимияти олии давлатӣ, ки дар дохили кишвар амал мекунад;

б. Қобилияти қабули қонунҳои миллӣ ва татбиқи онҳо;

в. Эътирофи байналмилалӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ;

г. Доштани рамзҳои давлатӣ — парчам, нишон, суруди миллӣ;

д. Артиши миллӣ ва сиёсати амниятии мустақил;

е. Муносибатҳои дипломатии мустақил бо дигар давлатҳо;

ё. Қобилияти идоракунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар дохили кишвар.

# Зинаҳои ташаккули истиқлолияти сиёсӣ

Раванди ташаккули истиқлолият марҳила ба марҳила сурат мегирад. Дар таърихи давлатҳо панҷ зинаи асосиро метавон ҷудо кард:

а. Мубориза и озодихоҳона — оғози бедории миллӣ ва сиёсӣ;

б. Эълон намудани истиқлолият — ба расмият даровардани мақоми давлатӣ;

в. Эътирофи байналмилалӣ — пазируфта шудани давлат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ;

г. Таҳкими истиқлолият — сохтмони сохторҳои давлатӣ, иқтисодӣ ва низомӣ;

д. Ҳифзи истиқлолият — нигоҳдории амният, субот ва истиқлолияти миллӣ аз таҳдидҳо.

Таърихи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки истиқлолият натиҷаи муборизаи тӯлонӣ ва азму иродаи халқҳост. Масалан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пас аз ҷанги истиқлолияти солҳои 1775–1783 истиқлолияти худро ба даст овард ва баъдтар асоси демократияи муосир гардид. Ҳиндустон соли 1947 пас аз зиёда аз 150 соли мустамликадории Британия истиқлол ёфт. Дар кишварҳои Осиё ва Африқо солҳои 1950–1970 давраи эҳёи истиқлолиятҳо буд, ки садҳо миллат аз зери мустамлика баромаданд. Ин раванд барои Тоҷикистон низ ибратбахш буд. Миллати тоҷик, ки таърихи давлатдории ҳазорсола дорад, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ тавонист истиқлолияти сиёсиро дар соли 1991 ба даст оварад.

# Истиқлолияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзи 9 сентябри соли 1991 ҳамчун рӯзи таърихии эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудааст. Дар ибтидо кишвар бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардид: ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ ва номуайянии сиёсӣ.

Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 қабул шуда, пояи ҳуқуқии истиқлолияти сиёсиро мустаҳкам кард. Аз ҳамон давра давлат сиёсати хориҷии мутавозин, рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими пояҳои амниятиро ба роҳ монд.

# Аҳамият ва арзиши истиқлолияти сиёсӣ

Истиқлолияти сиёсӣ барои ҳар як давлат арзиши олӣ дорад. Он на танҳо рамзи озодӣ, балки кафолати амният, субот ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Бе истиқлолият давлат наметавонад сиёсати худро ба таври мустақилона пеш барад.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ, истиқлолият ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандиро афзун мекунад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ бошад, ба давлат имконият медиҳад, ки сиёсати иқтисодии мустақилро пеш барад ва манфиатҳои миллиро ҳимоя намояд.

Истиқлолияти сиёсӣ рукни асосии давлатдории миллӣ ва пояи озодии ҷомеа мебошад. Ҳар миллате, ки истиқлолияти худро ҳифз мекунад, метавонад дар ҷаҳони муосир мавқеи худро устувор нигоҳ дорад. Дар шароити тағйирёбии сиёсати ҷаҳонӣ, ҳифзи истиқлолият аз ҳарвақта муҳимтар шудааст. Бинобар ин, шаҳрвандон бояд бо ҳисси баланди миллӣ ва масъулият дар таҳкими пояҳои истиқлолият саҳм гузоранд.

## 3. Рамзҳои сиёсӣ

Рамзҳо ҳамчун нишона таърихи хеле қадима дошта, дар равандӣ зиндагии одамон нақшҳои гуногунро иҷро менамоянд. Одамон ба воситаи аломату ишора ва рамзҳои гуногун дар рӯи замин, сангҳо, чӯбу дигар ҷисмҳои сахт баъзан мақсаду маром ва фикру ақидаҳои хешро баён менамуданд. Оҳиста-оҳиста бо пайдо шудани хат аломату рамзҳо хусусиятҳои худро тағйир дода, бештар ба ақидаҳои фалсафӣ омезиш ёфтанд.

## 4. Рамз ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ-маданӣ

Пайдо шудани катибаҳо дар замин, сангҳо ва кӯҳҳои сангин баътар дар ривоҷу равнақи рамзҳои мухталиф заминаи муҳиме гузошт. Оҳиста-оҳиста дар натиҷаи инкишофи ҷомеа талабот нисбати шинохти давлату давлатдорӣ, муайян намудани мақоми одамон аз рӯи ашё, либосҳои гуногун, шинохти шахсиятҳои мӯътабару ашрофзодагон, рамзҳои гуногун, сару либос ва баъзан нишонаҳои муайянкунандаи ашё, одамон ва кишварҳо ба миён омаданд. Ҳатто кишварҳое, ки тобеи империяҳои бузурги Рим, Юнон ва Форсҳо буданд, кӯшиш менамуданд, ки бисёр нишонаҳои худро аз намуди зоҳирӣ сар карда то идоракунии давлат ба ин кишварҳои абарқудрат мутобиқ намоянд.

Маълум аст, ки элементҳои ақлгаройӣ ва ҳиссиёти озодии миллии инсон дар ҷаҳони анъана, асотир, рамз ва қиссаҳо ҳамеша ҳамрадифи зиндагӣ мебошад. Бинобар ин, намудҳои гуногуни рамзҳои бузурги дини Салиб, Ҳилол ва Киштии Нӯҳ дар муқоиса хеле оддӣ бошанд ҳам, вале системаҳои томи теологиро таҳти назорат қарор доранд. Ҳар як рамз мавзуъҳои гуногунро муаррифӣ менамояд ва ҳар як мавзӯъ низ рамзҳои мухталифро мефаҳмонад. Омезиши рамзҳо на танҳо ахборотро дар бораи муҳити табиӣ, балки дар бораи идея, идеал ва қоидаҳои этникӣ-сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра муайян менамояд.

Нишона ва рамзҳо хислати воқеъӣ ва шартӣ доранд. Ба нишонаҳои воқеъӣ хусусиятҳои ашё, сару либос ва ғайраҳо, нишонаҳои шартӣ бошанд, хусусиятҳои махсус ва ғайримахсус доранд. Нишонаву рамзҳо аз қадимулайём дар санг ҳаккокӣ, дар чӯб наҷҷорӣ ва дар матоъ нақшдӯзӣ мешаванд. Дар тамаддуни башарият дар байни рамзҳои гуногун ду рамз: сувастӣ (свастика) ва салиб таърихи хеле қадима доранд. Вожаи сувастӣ аз забони санскрит гирифта шуда аз ду қисм “су” ва “астӣ” иборат буда, маъногаш “ҳастии хуб”, “зиндагии хуб” буд. Дар дини ориёиҳо сувастӣ рамзи офтоб ва ҳаракати он мебошад. Дар буддизм сувастиро рамзи комилӣ ҳисобида, онро нишонаи хушбахтӣ ва рамзи дини буддоӣ мешумориданд.

Рамзи салиб бошад, аз дини Митроя ба масеҳӣ гузаштааст. Мувофиқи навиштаи О.В. Вовек салиб дар ибтидо рамзи умумии Коинот, осмон, ду хати буриши баробарпаҳлӯ чор тарафи оламро нишон медод. Нишонаи ҳамбастагии болову поён, замину осмон ва ҳаёту марг ва сулҳу салоҳ буд. Дар Осиёи пеш салиб рамзи хушбахтӣ, дар Бобул чор давраи моҳтоб, дар Сурия чор унсури олами ҳастиро ифода менамуд. Дар Чин салиб дар дохили чоркунҷаи баробарпаҳлӯ ҷой дода шуда, рамзи мувозинати заминро нишон медиҳад.

# Мақоми рамзҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ

Мусаллам аст, ки манфиатҳои моддии табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун як омили инкишофи раванди таърихию ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар муаяйн намудани мӯҳтавои самти манфиатҳо ва рафтори одамон чунин сифатҳои ватандӯстӣ, бародарӣ, садоқат дар оила, ғамхорӣ ба беморон, пиронсолон, ҳамчунин шаклҳои гуногуни анъана ва урфу одатҳо нақши ҳалкунанда мебозанд. Инсонро на танҳо интихоби ақлонӣ, донистани фоида, манфиатҳои иқтисодӣ, балки эътиқод ва боварӣ низ барои рушду инкишоф такони ҷиддӣ медиҳад.

Аз ин ҷо метавон гуфт, ки қисми ҷудошавандаи худшиносии ҳар як халқ, миллат ва давлат, давлатҳои миллӣ, рамз ва идеали онҳо ба таърихи гузашта ва ҳозираи онҳо вобастагии зич дорад.  Онҳо ҳамчун унсурҳои бо ҳам алоқаманди маданияти сиёсӣ мебошанд. Рамз? – рамзҳо шартан метавонанд ба тариқи графикӣ (салиб, досу болға, сувастӣ ва ғ), шаклҳои инсонӣ ё ин ки дигар шаклҳо (Марианна-дар Фаронса, Джон Булл-дар Англия, амаки Сэм-дар Амрико, хирс-дар Русия, шутурмурғ- дар Австралия ва ғ.) мебошанд.

Дар бисёр мавридҳо на худи рафтори ҳокимон, сиёсатмадорон ва ҳизбҳои сиёсӣ, балки андозаи андешаҳои рамзии системаи рамзҳои ҳукмрон дар ҷомеа одамонро ба шаклҳои муайяни иҷтимоӣ сафарбар менамоянд. Бинобар ин, ба пуррагӣ маълум аст, ки аз замонҳои хеле қадим то таъсиси давлатҳои миллӣ сарварони сиёсӣ, рамзҳои гуногуни миллиро таҳия ва истифода намудаанд. Аз ҷумла, парчам, гимн, конститутсия, аломатҳои пулӣ, иду маросимҳо бо мақсади муттаҳидсозии миллат дар атрофи ин ё он идеология, ки одамонро ба ягон самти фаъолият сафарбар менамояд, маҳсуб меёбанд.

Дар айни ҳол, ҳар як кишвар  соҳиби байрақи давлатӣ ва ё миллӣ буда, шаҳодати мустақилияту фаъолияти ҳуқуқи баробар доштан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар зери парчами давлатӣ аксари сарварони давлатҳо (президент, монарх) ба вазифа шурӯъ намуда, қасам ёд мекунанд, ки барои ватан ва халқ ҳамеша содиқ мемонанд. Яъне парчами давлатӣ муқаддасотест, ки таҳқир нисбати он дар аксарияти кишварҳои олам ҳамчун ҳуқуқвайронкунии ҷиноӣ дониста мешавад. Парчами дар якҷоягӣ бо гимн ва дигар муқаддасоти давлатӣ дар аксарияти кишварҳои олам, ҳамчун фарогири муқаддасоти миллат қабул карда мешавад.

Дар баробари парчам ҳамчун рамзи давлатӣ дар тасаввури шаҳрвандон нишон (герб) низ ба ҳисоб меравад. Баъзан  ба сифати элементи марказии герб сурати растаниҳо, ҳайвонот ва ғайраҳо истифода бурда мешаванд.

Мазмунан нишонаи шер-шоҳи ҳайвонот ё уқоб-ҳокими миёни парандаҳо ҳамчун рамзи пурқудратӣ ва бузургии давлат, мағлубнашавандагии лашкар ё ҳокимияти олии монарх ва сарварони давлатҳоро нишон медиҳанд.

Дар баробари герб ва парчам ҳамчун рамзи давлатию миллӣ суруди миллӣ (гимн) мавқеи хоса дорад ва он дар тантанаҳои расмию давлатӣ, инчунин дар рӯзҳои идҳои миллию варзишӣ садо медиҳад.

## 5. **Рамз ва нишонаҳои давлатии Тоҷикистон**

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 худро кишвари соҳибистиқлол эълон кард. Ин рӯйдод барои халқи тоҷик оғози марҳилаи нави таърихӣ гардид — марҳилаи ташаккули давлатдории миллӣ ва пойдор сохтани пояҳои истиқлолият.

Тоҷикистон бо қабули Президенти худ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул гардид, роҳи рушди мустақилонаи худро интихоб намуд. Мақсади асосии давлат — бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва дунявӣ мебошад, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ доранд.

Бо ин мақсад Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ як қатор Қарорҳоро чун: “Дар хусуси тасдиқ намудани Низомномаи нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 24 ноябри соли 1992 бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.09.1994 “Дар хусуси тасдиқи Низомномаи суруди миллӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.1995 “Дар хусуси дар рӯҳи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон ва эҳтиром намудани Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кард.

Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол гардидани худ соҳиби рамзҳои давлатии миллӣ шуд. Ин рамзҳо — Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Пули миллӣ ва Забони давлатӣ — нишонаи истиқлолият, ваҳдат ва ҳувияти миллӣ мебошанд. Ин нишонаву рамзҳои миллӣ дар тарбияи ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва идеяи давлатдории миллӣ нақши бузург доранд. Онҳо мардумро ба ҳам меоранд, ваҳдату ягонагии миллатро таҳким мебахшанд ва ба рушди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар такон мебахшанд.

Барои амалӣ гардонидани мақсадҳои миллии дар пеш истода ва баланд бардоштани ифтихору ҳуввияти миллӣ шарҳи шинохти Қонуни асосӣ ва рамзҳои давлатиро пешниҳод менамоем:

Сарқонуни (Конститутсия) Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар Тоҷикистон солҳои 1929,1931, 1937, 1978 ва 1994 конститутсияҳо қабул шуданд. Конститутсияе, ки амал мекунад, 6 ноябри соли 1994 қабул гардида, 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд.

Сарқонуни (Конститутсия) Ҷумҳурии Тоҷикистон — санади асосии ҳуқуқии кишвар мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардида, баъдан чанд маротиба тағйироту иловаҳо пазируфтааст.

Он пояи тамоми қонунгузорӣ, низоми давлатдорӣ ва зиндагии иҷтимоиву сиёсиро муайян менамояд.

Сарқонуни (Конститутсия) аз муқаддима ва 10 боб иборат аст, ки ҳар кадом самти муҳими давлатдориро фаро мегирад:

1.

**Асосҳои сохтори конститутсионӣ**

Дар ин бахш принсипҳои асосии давлатдории Тоҷикистон — соҳибистиқлолӣ, ягонагӣ, демократия, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявият муқаррар шудаанд.

2.

**Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандон**

Ин бахш ҳуқуқу озодиҳои шахсро, аз қабили ҳуқуқ ба зиндагӣ, таҳсил, меҳнат, сухан, дин ва иштироки сиёсиро кафолат медиҳад.

3.

**Маҷлиси Олӣ**

Шуъбаи қонунбарори ҳокимияти давлатӣ буда, аз ду палата — **Маҷлиси миллӣ** ва **Маҷлиси намояндагон** иборат аст

4.

**Президент**

Сарвари давлат ва кафили Конститутсия мебошад, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро роҳнамоӣ мекунад.

5.

**Ҳукумат (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)**
Шуъбаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти тамоми вазоратҳо ва идораҳоро ҳамоҳанг месозад.

6.

**Мақомоти Маҳалии Ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ**
Ба мақомоти идораи маҳаллӣ — раиси вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дахл дорад, ки сиёсати давлатро дар маҳал татбиқ мекунанд.

7.

**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)**
Бахши махсуси Конститутсия, ки мақоми ҳуқуқии ин воҳиди маъмуриро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи Тоҷикистон муайян мекунад.

8.

**Суд**

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, адолати судиро таъмин менамояд ва баробарии ҳамаи шаҳрвандонро дар назди қонун кафолат медиҳад.

9.

**Прокуратура**

Низоми ягонаи назоратӣ мебошад, ки риояи дақиқи қонунҳоро аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон таъмин мекунад.

10.

**Тартиби тағйироти Конститутсия**

Дар ин бахш тартиб ва шароити ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия муайян шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муқаддас ва роҳнамои ҷомеа буда, пояи давлатдорӣ, адолат, ваҳдат ва рушди устувори кишварро таъмин менамояд.

**Парчами давлатии Тоҷикистон** — яке аз **рамзҳои асосии давлатӣ** ва нишонаи истиқлолият, ваҳдат ва ифтихори миллӣ мебошад.

Парчам **матои росткунҷаест**, ки аз **се рахи уфуқӣ** иборат аст:

**Ранги сурх** — дар қисми боло ҷой гирифта, рамзи шуҷоату қаҳрамонӣ, истиқлолият ва қувваи созандаи миллати тоҷик мебошад.

**Ранги сафед** — дар миёнаи парчам буда, рамзи покӣ, сулҳ, адолат ва рӯшноии зиндагии мардум аст.

**Ранги сабз** — дар поён ҷой гирифта, рамзи табиат, зироаткорӣ ва рушди устувори кишвар мебошад.

Андозаи рахи болоию поёнӣ баробар буда, **рахи сафед якуним баробар паҳнои ҳар яке аз онҳо** мебошад.

Дар **маркази рахи сафед тоҷ** ва **ҳафт ситора** тасвир ёфтаанд.

**Тоҷ** рамзи соҳибистиқлолии давлат, ваҳдати миллӣ ва шоҳигарии маънавии халқи тоҷик аст.

**Ҳафт ситора**, ки дар шакли **нимдоира** болои тоҷ ҷой доранд, рамзи бахт, саодат ва комёбии миллат мебошанд.

**Парчами давлатии Тоҷикистон** 24 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва аз ҳамон вақт то имрӯз бо ифтихор дар ҳама муассисаҳо ва маросимҳои давлатӣ парафшон аст.

**Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** яке аз **рамзҳои муқаддаси давлатӣ** мебошад, ки истиқлолият, ваҳдат ва фарҳанги пурғановати миллати тоҷикро таҷассум менамояд.

Таркиби Нишони давлатӣ чунин аст:

Дар **маркази нишона тоҷ** ва **ҳафт ситора** тасвир ёфтаанд, ки дар шакли **нимдоира** болои тоҷ ҷой гирифтаанд.

**Тоҷ** рамзи давлатдории миллӣ, истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон аст.

**Ҳафт ситора** рамзи бахт, саодат, комёбӣ ва арзиши рақами ҳафт дар фарҳанги мардумии тоҷикон мебошад.

Дар пасманзари тоҷ **нурҳои офтоб** аз паси **кӯҳҳои баланд** тулӯъ мекунанд, ки рамзи рӯшноӣ, умед ва ояндаи дурахшони миллат мебошанд.

**Атрофи нишона** аз ду ҷониб иҳота шудааст:

Аз тарафи **рост — хӯшаҳои гандум**, ки рамзи фаровонӣ, неъмат ва заҳмати деҳқон аст.

Аз тарафи **чап — шохаҳои пахтаи шукуфон**, ки рамзи меҳнатдӯстӣ ва неъмати замини тоҷикон мебошад.

**Болои нишона** бо **тасмаи серангаи миллӣ** — сурх, сафед ва сабз — ҳошиябандӣ шудааст, ки бо Парчами давлатӣ ҳамоҳанг мебошад.

Дар қисми **поёнии нишона**, рӯи **лавҳ**, **китоби боз** ҷой дорад, ки рамзи дониш, хирад ва маърифат аст — арзишҳое, ки дар тӯли асрҳо миллатро ба камол расондаанд.

**Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** 28 декабри соли 1993 қабул шудааст ва аз ҳамон вақт то имрӯз ҳамчун рамзи ягонагӣ, ифтихор ва шиносномаи маънавии давлату миллат хизмат мекунад.

**Президент — сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** мебошад. Ӯ кафили Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ҳифзкунандаи истиқлолият, ваҳдат ва якпорчагии кишвар аст.

**Тартиби интихобот**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби **шаҳрвандони ҷумҳурӣ** ба тарзи:

**умумӣ**,

**мустақим**,

**баробар**,

ва бо **овоздиҳии пинҳонӣ**

ба мӯҳлати **7 сол** интихоб карда мешавад.

Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад.

Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

**Моддаи 69**

Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;

Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;

Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад;

Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;

Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад;

Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;

Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;

Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъин ва озод мекунад;

Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад;

Ба қонунҳо имзо мегузорад;

Низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад;

Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад;

Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад;

Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

Барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

Масъалаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;

Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ,ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

Президент — рамзи ваҳдат, ҳокимияти давлатӣ ва кафили амнияту суботи Тоҷикистон

**Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** рамзи олӣ ва нишонаи қудрати давлат мебошад. Он аз **се рахи уфуқии сурх, сафед ва сабз** иборат аст — ҳамранг бо Парчами давлатӣ.

Дар **маркази ливо тасвири “Дирафши Ковиён”** ҷой дорад, ки рамзи қадимаи давлатдорӣ мебошад.

Дар маркази он **шери болдор** дар заминаи осмони кабуд тасвир ёфтааст — рамзи қудрат, нерӯ ва шукӯҳи давлат.

Болои шер **тоҷ ва ҳафт ситора** ҳамчун нишонаи ваҳдат ва бахту саодати миллат тасвир шудаанд.

Дар қисми болоии чӯбдаст **лавҳаи заррин** бо номи пурраи Президент ва мӯҳлати салоҳияти ӯ насб мешавад.

**Ливои Президент** рамзи ифтихор, давлатдорӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон аст.

**Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** аз 28 июли соли 2006 № 192 мавриди истифода қарор дорад.

**Суруди миллӣ** (гимн) — **таронаи давлатӣ ва умумихалқӣ** мебошад, ки дар он **орзуву омол, ифтихор ва муҳаббати халқи Тоҷикистон ба Ватан** инъикос ёфтааст.

Матни Суруди миллӣ аз ҷониби **шоир Гулназар Келдӣ** навишта шуда, **мусиқии он** аз ҷониби **Сулаймон Юдаков** эҷод гардидааст[1].

Суруди миллӣ рамзи **ваҳдат, истиқлолият ва эҳсоси ватандӯстии мардум** буда, дар ҳамаи чорабиниҳои давлатӣ ва маросимҳои расмӣ бо ифтихор садо медиҳад.

Ҳамчун суруди миллӣ аз соли 1994 истифода мешавад.

1.Қ. Расулиён .Тоҷикистон.Душанбе.- 2009.- С. 17-38.

## Адабиёт


1. Қ. Расулиён .Тоҷикистон.Душанбе.- 2009.- С. 17-38.
1. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.
2. Мальцев, В. А.  Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
3. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
4. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
5. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!